## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 193 с.**

Адабиёти охири асри XX ва замони соҳибистиқлолии кишвар аз ҷумлаи давраҳои пурғановати таърихи адабиёти муосири тоҷик буда, дар баробари тағйирот дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ дар ин давраҳо дар адабиёт ва хусусан, дар шеър таҳаввулоти шаклию мундариҷавӣ ва ҳунарию бадеӣ ба мушоҳида мерасад, ки намунаҳои барҷастаи он ашъори Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсори Сафӣ, Гулназар Келдӣ, Камол Насрулло, Фарзона, Рустам Ваҳҳобзода, Озарахш ва дигарон мебошад. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқи зиндагиномаю фаъолияти эҷодӣ ва таъйини нақшу суҳми чунин чеҳраҳои адабӣ дар рушду такомули шеъри тоҷикӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ мебошад. Ба ин мавзуъ ва масъала рабт доштани кори таҳқиқии Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич худ аҳаммияти кори ӯро собит менамояд.

То кунун муҳаққиқони адабиёти тоҷик асосан зимни таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёт ва баррасии равандҳои ташаккулу таҳаввули шеър дар замони Истиқлол ба осори адабии Озарахш ишораҳо карда, мутаассифона, масоили марбут ба рӯзгору осори адиб, анъанаю навоварӣ ва вежагиҳои сохторию бадеии ашъори шоир мавриди баррасии бевосита ва мустақим қарор нагирифта буд. Аз ин ҷиҳат, дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи ин масъалаҳо дорои **аҳаммияти махсуси илмӣ** буда, зарурати он бештар эҳсос мешавад.

Дар асоси андешаҳои фавқ ва далелҳои овардашуда мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич барҳақ қайд намудааст, ки «Умуман, аҳли таҳқиқ ва эҷод ба ашъори Озарахш чандон бетаваҷҷуҳ набудаанд. Аммо ҳар он чи эшон роҷеъ ба эҷодиёти Озарахш навиштаанд, аз ҷанбаҳои таҳқиқию пажуҳишӣ дида, бештар характери тавсифию публитсистӣ доранд. Бо ибораи дигар, ҳанӯз поэтикаи нормативӣ (меъёрӣ) ва ғайринормативӣ (ғайримеъёрӣ)-и ашъори Озарахш мавриди пажуҳиш ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор нагирифтааст» (дисс., с. 6).

Дар чанд банди **шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ** пажуҳиши нукоте ба нақша гирифта шудааст, ки ба таҳқиқи рӯзгору осори шоирон ва масоили марбут ба мавзую муҳтаво, забону сабки баён, анъанаю навоварӣ ва мухтассоти сохторию бадеии ашъори онҳо иртибот мегирад. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

Аз дараҷаи таҳқиқи мавзуъ бармеояд, ки шахсият, фаъолияти эҷодӣ ва ҳунари шоирии Озарахш асосан дар қолаби қайду хотира ва мақолаю тақризҳо баррасӣ гардидааст. Дар тақвияти андеша диссертант аз қайду хотирот, тақризу

мақола ва ишораҳои Замира Ғаффорова, Низом Қосим, Мирзошоҳрух Асрорӣ, Амирҳамза Боқизода, Сурайё Ҳакимова, Шодиқул Шарифов ва Фарзонаи Зарафшонӣ ёдовар шудааст. Бо вуҷуди ин, чуноне қаблан ишора шуд, дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осор ва фаъолияти эҷодию ҳунари шоирии Озарахш халое ба назар мерасад, ки онро кори таҳқиқии мавриди назар то андозае комил мегардонад. Воқеан, манзури муҳаққиқону донишмандон гардонидан ва ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи номзадии Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич иқдоми хуб буда, қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи дастгирист.

**Навгонии илмии диссертатсияи** Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ рӯзгору фаъолияти эҷодӣ ва ҷанбаҳои ҳунарию бадеии ашъори Озарахш баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикии давраи нав, навгониҳои падидомада дар ин самт, сохтору муҳтаво ва забону сабки баёни шоир таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар рисолаи мавриди назар таҳқиқи ашъори Озарахш аз нигоҳи мавзую муҳтаво, анъанаю навоварӣ, хусусиятҳои сохторию бадеӣ ва забону сабки баён ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар кори диссертатсионии Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Илова бар ин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳо** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба фаъолияти эҷодӣ ва ҳунари шоирии Озарахшро дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани коргоҳи эҷодии нависандагону мутарҷимони дигар, масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, таърихи тарҷума, назария ва амалияи тарҷума, робиташиносӣ ва самтҳои дигар ба адабиётшиносону мунаққидон, унвонҷӯён, донишҷӯён, робиташиносон ва мутахассисони тарҷумаи бадеӣ ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Муаллиф барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 13 банд манзур намудааст. Қисми зиёди нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида матолиби асосиро инъикос карда, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору ҳунари шоирии Озарахш ва таъини нақши ӯ дар ҷараёни ташаккулу таҳаввули шеъри тоҷикии адабиёти давраи нав аҳаммияти махсуси илмӣ доранд. Бо вуҷуди ин, баъзе нукоти ба ҳимоя пешниҳодгардида ба гунаи сода ва ба гунаи тезис баён шудаанд: ««Тасвири

Ватан дар шеъри ӯ аз тасвири зодгоҳ сарчашма мегирад», «Гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри ӯ мақоми хоссаеро касб кардааст» (дисс., саҳ. 9).

Диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич аз муқаддима, 3 боб, 13 фасл, 3 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю баҳсҳои илмӣ ва хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳро ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар зербахшҳои зарурии дисссертатсия ва автореферат тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Боби аввал, ки **«Зиндагиномаи Озарахш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик»** ном дорад, аз чаҳор фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали ин боб бар асоси сарчашмаҳои илмӣ, тарҷумаиҳолӣ ва энсиклопедию адабӣ маълумоти мушаххас манзур гардида, замони тавлид, таҳсил, оғози фаъолияти эҷодӣ, омилҳои ташаккули ҳунари эҷодии Озарахш ва нақши шоир дар рушди шеъри замони Истиқлол баррасӣ шудаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюму сеюми боби авал, ки «Вижагиҳои «Ватаннома»-и Озарахш» ва «Тасвири отифии зодгоҳ дар шеъри шоир» унвон доранд, ба пажуҳиши ашъори ватандӯстонаи шоир пардохта, кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои дар ин фасл тарҳрезишударо дар мисоли бист шеъри силсилаи «Ватаннома»-и шоир ва ашъори ба зодгоҳ бахшидаи ӯ баррасӣ намояд. Бозоби бадеии масоили мубрами ҷомеаи башарӣ дар ашъори Озарахш дар фасли охири боби аввал таҳқиқ гардида, диссертант нақши шоирро дар ҳар кадоме аз ин самтҳо назаррас меҳисобад. Дуруст аст, ки ашъори ба ин мавзуъҳо бахшидаи шоир худшиносии миллии хонандаро тақвият бахшида, арҷгузории шоирро ба зодгоҳ ва марзу буми ниёгон собит намуда, нисбат ба дарду доғ ва ниёзҳои ҷомеаи башарӣ бетараф набудани ӯро собит мекунанд.

Боби дуюм – **«Анъана ва навоварӣ дар ашъори Озарахш»** аз панҷ фасл иборат мебошад, ки онро аз лиҳози муҳтаво ва пурборӣ шартан яке аз ду боби меҳварии рисола метавон номид. Агар дар фасли аввал ҷанбаи мусиқоии шеъри Озарахш матраҳ гардад,  дар фаслҳои дуюму сеюм тобишҳои иҷтимоӣ ва гиромидошти арзишҳои миллӣ дар ашъори шоир таҳқиқ ёфтаанд. Ба назари мо, фаслҳои дуюм ва сеюм ба номи умумии боби дуюм чандон мувофиқат надошта ин масъалаҳоро дар фасли чоруми боби аввал ба таҳқиқ гирифтан ба мақсад мувофиқ буд. Бо вуҷуди ин, дар ин фаслҳо ҷо-ҷое ба анъана ва навпардозиҳои Озрахш дар эҷоди ашъори иҷтимоӣ низ ишора мешавад, ки хуб аст.

Масъалаҳои асосии дар боби дуюм тарҳрезишуда дар фаслҳои чоруму панҷуми ин боб таҳқиқ шудаанд. Дар ин ду фасл навпардозиҳои Озарахш дар анвои суннатӣ ва шеърҳои озод баён ёфта, диссертант бар асоси байт, рубоӣ,

дубайтӣ , ғазал ва шеърҳои озоди шоир андешаҳои хуби илмӣ баён намудааст. Аз таҳқиқи диссертант маълум мегардад, ки қисми асосии эҷодиёти шоирро ғазал ташкил дода, дар ин ҷода шоир дар баробари пайравӣ ба шуарои гузаштаву муосир ба навпардозӣ даст ёфтааст. Ба андешаи муаллиф «Ғазалиёти ӯ бо фазои наву замонавӣ ва радифҳои мураккабу таркибии тозаашон аз ғазалиёти классикони адабиёт ва ҳамзамонони мо фарқ мекунанд» (диссертатсия, саҳ. 94).

Боби сеюми диссертатсия **«Сохт ва бадеияти шеъри Озарахш»** ном дошта, шомили чаҳор фасл ва се зерфасл мебошад. Дар фасли аввали ин боб ва ду зерфасли он масоили марбут ба вазну қофия ва радиф дар ашъори Озрахш ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар зерфаслҳои фасли аввали боби сеюм мухтассоти корбурди қофияву радиф, анвоъ ва созмони дохилию сохтории онҳо ба сурати зарурӣ таҳқиқ шудаанд. Ҳарчанд номи фасл «Вазни ашъори Озарахш», аммо дар он асосан вазни ғазалиёти шоир муайян карда шудаанд. Дар ин фасл ба авзони дигар анвои эҷодиёти шоир камтар таваҷҷуҳ шудааст. Дар умум, диссертант ба ин натиҷа мерасад, ки «Озарахш дар ғазалиёти худ тамоми баҳрҳои солими муштараки шеъри форсии тоҷикӣ ва як баҳри хосси шеъри арабиро низ истифода намуда, маҳорати волое аз худ бармало кардааст» (диссертатсия, саҳ. 123).

Фасли дуюми боби сеюм, ки «Тасвирҳо ва бозёфтҳои шоиронаи Озарахш» номгузорӣ шудааст, аз ҷумлаи мавзуъ ва масъалаҳое мебошанд, ки ба анъана ва навоварӣ тобеият доранд. Аз ин рӯ, аз шарҳи бештари ин масъала худдорӣ карда, танҳо ҳамин нуктаро зикр мекунем, ки ин масъаларо дар фаслҳои чоруму панҷуми боби дуюм ба таҳқиқ фаро гирифтан ба мақсад мувофиқ буд

Мундариҷаи фасли сеюм – «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри Озарахш» ва чорум – «Забон ва сабки фардии Озарахш» бозгӯйи онанд, ки шоир сабки ба худ хос дошта, забони ашъораш қобили дарку фаҳм аст. Илова бар ин, балоғату фасоҳати каломи шоир ба корбурди дурусту ҳунармандонаи санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ низ бевосита алоқаманд мебошанд. Аз таҳқиқи диссертант бармеояд, ки ашъори Озарахш бадеияти баланд дошта,  хусусияти бадеӣ ва забону сабки баёни шоир ниёз ба таҳқиқи густардатар доранд. Дар ин фаслҳо дар тақвияти фикр мисолҳои зиёде манзур мегарданд, ки аз маҳорати хуби суханшиносӣ доштан ва бадеияту моҳияти каломи ҳунариро шинохта тавонистани диссертант гувоҳӣ медиҳанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 16 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳои манзуршуда муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва баҳсҳои пурсуди илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсияи мавриди назар баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои минбаъдаи довталаби дараҷаи илмӣ, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо, унвони баъзе фаслу бобҳои диссертатсия ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд. Масалан, фасли чоруми боби якум («Баррасии масоили мубрами ҷомеаи башарӣ дар шеъри Озарахш»), фасли дуюми боби дувум («Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш») ва фасли сеюми ҳамин боб («Гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри Озарахш»), ки ҳамагӣ баррасии масоили иҷтимоӣ ва арзишҳои миллиро фаро мегиранд, муштарак гардида, дар як фасл бо унвони «Бозтоби масоили иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш» ҷой дода мешуданд, ба мақсад мувофиқ буд. Илова бар ин, ҳарчанд боби аввал «Зиндагиномаи Озарахш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик» номгузорӣ гардида, рӯзгори шоир дар фасли аввали ин боб, яъне «Мақоми Озарахш дар адабиёти муосир ва мавзуоти ашъори ӯ» таҳқиқ мешавад, дар ин боб баррасии шарҳи ҳоли илмии шоир дар фасли алоҳида зарурат дошт.

2. 4 фаслу 3 зерфасли боби сеюми диссертатсия ҳам аз ҷиҳати унвонгузорӣ ва ҳам танзиму тартиби баррасии масъалаҳо ба таҷдиди назар ниёз доранд. Аввалан, ба андешаи мо, масъалаҳои муҳимму доманадори вазни ашъор, қофияву радиф, хусусиятҳои бадеӣ, тасвиру бозёфтҳо ва забону сабки баёни шоирро дар ҳаҷми як боби диссертатсия матраҳ ва баррасӣ намудан бисёр душвор аст. Мавзуъ ва масъалаҳои танҳо дар ҳамин боб тарҳрезишуда худ метавонанд, як кори номзадии ҷудогона ва ҳатто бештар аз он бошанд.

3. Баъзан адабиёти истифодашуда ноқис буда, таҷдиди назар намудани онҳо ҳусни корро меафзояд. Масалан, дар рӯйхати адабиёт аз таркиби маҷмуаи «Дурахши шеъри Озарахш. Накди адабӣ, мусоҳибаҳо ва ашъори эҳдо» (Хуҷанд: Меъроҷ, 2023. – 576 с.) ба сурати ҷудогона нишон додани мақолаҳои Замира Ғаффорова, Сурайё Ҳакимова, Шодиқул Шарифов, Идибеки Идизод ва дигарон, ки дар мавриди истинод ва овардани иқтибос ба таври умумӣ ба он ишора мешавад, зарурат дошт.

4. Баъзе адабиёти илмию назарии зарурӣ, аз ҷумла «Мусиқии шеър» ва «Растохези калимот»-и Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ аз мадди назари диссертант дур мондаанд. Зимни таҳқиқи масъалаи ҷанбаи мусиқоии шеъри Озарахш, ки дар фасли аввали боби дуюм сурат гирифтааст, ҳамчунин, ҳангоми баррасии дигар масъалаҳои меҳварӣ ба чунин назариёти илмӣ такя ва ё ишора мегардид, беҳтар буд.

5. Фасли панҷуми боби дуюм «Навпардозиҳои шоир дар шеъри озод ва андешарезаҳо» унвон дошта, мурод аз «андешарезаҳо» ҳамон байтҳои ҷудогона ва ё фардбайтҳост. Фасле аз маҷмуаи «Парвона зинда аст...»-ро «Андешарезаҳо» номгузорӣ кардани шоир асос шуда наметавонад, ки дар кори илмӣ-таҳқиқӣ онро ба сурати истилоҳ ва ё шакли шеърии вижа дар унвони фасл ҷой диҳем. Ба ҳамин монанд калимаю ибораҳои *такбайтиҳо, услуби фардӣ* ва *суннатҳои овозхонӣ* низ нодуруст истифода гардидаанд.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия (саҳ. 11, 24, 29, 72, 86, 95, 142, 168) ва авторефарат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ, гуногуннависӣ ва имлои гуногуни калимаҳо ба чашм бармехуранд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобомаллаев И.Ҷ.
«21» майи соли 2024.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский бинои 85/2, хуҷраи 10
Тел.: (+992) 555-05-15-50
E-mail: ilhom-b.89@mail.ru

Имзои Бобомаллаев Илҳомҷон
Ҷонобовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

ДАРЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«21» майи соли 2024.